**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Суроға: 734055, ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48/5**

# ТАҚРИЗ

**Ба автореферати диссертатсияи Давлаталии Абдусаломзода дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккул ва рушди маркетинг дар корхонаҳо (дар мисоли корхонаҳои саноатии Вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, ихтисоси 6D051100 – Маркетинг (6D051101 – Маркетинг)**

Ташаккул ва рушди маркетинг дар корхонаҳои саноатии Вилояти Хатлон дар шароити иқтисоди бозорӣ ҳамчун омили муҳими баланд бардоштани рақобатпазирӣ, самаранокии истеҳсолот ва устувории молиявӣ баромад мекунад. Моҳияти ин раванд дар гузариш аз усулҳои маъмурию истеҳсолотмеҳвар ба идоракунии бозормеҳвар, ки ба омӯзиши талабот, таҳлили муҳити рақобат ва қонеъгардонии ниёзҳои истеъмолкунандагон такя мекунад, зоҳир мегардад.

Дар автореферат вобаста ба фаъолияти маркетингии корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон ва дар ин асос таҳия намудани тавсияҳо оид ба беҳсозии кори хадамоти маркетинг бо назардошти хусусиятҳои минтақавӣ ба хотири баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои саноатии минтақа арзёбӣ гардидааст. Аз ҷониби муаллиф оид ба вазъи низоми маркетинг дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон таҳқиқи равандҳои ташаккули муҳити мусоид барои рушди маркетинг дар минтақа, муайян намудани хусусиятҳои фаъолияти хадамоти маркетинги корхонаҳои саноатии минтақа дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонӣ муайян карда шуда, арзёбӣ гардидааст.

Инчунин бояд зикр намуд, ки дар таҳқиқот аз вобастагӣ ба масъалаҳои ҳалталаби дар пешгузошташуда чунин усулҳои тадқиқот, аз ҷумла усули системавӣ-таркибӣ, сабабу натиҷа, усули омӯзиши омилҳо, экспертӣ-

таҳлилӣ, иқтисодӣ-риёзӣ, иҷтимоӣ, алоқамандии хусусиятҳои микдорию сифатӣ, мушоҳидаҳои шахсии муаллиф ва ғайра истифода бурда шуданд.

Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия аз он иборат аст, ки дар он як қатор хулосаҳо ва як қатор тавсияҳо оид ба ташаккул ва рушди маркетинг дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон пешниҳод гаштаанд.

Дар фарҷом метавон андеша намуд, ки новобаста аз он, ки автореферат ҷаҳатҳои мусбӣ дорад, ҳамчунин камбудиҳои мазкур ба назар мерасанд, ки онҳоро қайд намудан бамаврид аст:

1.Ба андешаи муаллиф баъзе омилҳоро метавон мушоҳида кард, ки мунтазам ба рушди маркетинг дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон таъсири манфӣ мерасонанд ва дар натиҷа умуман корхонаҳои саноати дар тамоми вилояти Хатлон зарар мебинад (ҷадвали 7). Дар автореферат нуктаи назари муаллиф асоснок карда нашудааст

2.Дар автореферат қайд шудааст, ки пеш аз ҳама, рушди маркетинг корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон таҳлил кардан зарур аст, зеро ба назари мо, ин самти муҳимтарин ба шумор меравад. Бале хеле фикр хуб, аммо мушкилоту масоили соҳаи мазкур мавриди таҳлили пурра қарор дода нашудааст.

Камбудиҳои мазкур то андозае характери тавсиявӣ дошта, ба инобат гирифтани онҳо барои боз ҳам беҳтар гардидани мантиқу сифати автореферат мусоидат менамояд.

Дар маҷмӯъ мӯҳтавои автореферати диссертатсияи Давлаталии Абдусаломзода нишон медиҳад, ки он дорои аҳамияти илмиву амалӣ буда, дар мавзуи мубрам анҷом дода шудааст. Автореферати пешниҳодгардида ба талаботи муқаррароти КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD) – доктор аз руйи ихтисос, ихтисоси 6D051100 – Маркетинг арзанда мебошад.

**Муқарриз:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти
кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ,
таҳлил ва аудит ДДОТ ба номи С. Айнӣ Зиёзода Б.С.

14.03.26

Имзои д.и.и., дотсент Зиёзода Б.С - ро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо, кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ С. Қодирзода

Суроға:. 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121
Тел: (+992 901) 203020, (+992 918) 944714